**ХУЛОСАИ НИҲОИИ**

**шурои диссертатсионии 6D. КОА-068-и назди**

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология**

Парвандаи аттестатсионии №____

Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 18-уми декабри соли 2023, №16 барои сазовор донистани Ғафорова Таҳмина Сатторовна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии номзади илми филология.

Диссертатсияи Ғафорова Таҳмина Сатторовна дар мавзуи «Воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, (дар асоси "Ёддоштҳо"-и С. Айнӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми декабри соли 2022, тахти № 306) рӯзи 2-юми октябри соли 2023, суратҷаласаи № 38 барои ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Ғафорова Таҳмина Сатторовна 16-уми июни соли 1981 дар шаҳри Кулоби вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 1998 ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории шаҳри Кулоб ба номи А. Рӯдакӣ дохил шуда, тариқи гузариш таҳсилро дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Қандил Ҷӯраев (ҳозира ба номи С. Айнӣ) идома додааст. Соли 2003 Донишгоҳи мазкурро аз рӯйи ихтисоси "Забони хориҷӣ" хатм кардааст. Солҳои 2019-2023 унвонҷӯйи кафедраи забонҳои хориҷии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, фаъолияти кориашро аз соли 2001 ба сифати муаллими забони англисӣ оғоз кардааст. Аз моҳи августи соли 2018 то соли 2020 дар вазифаи муаллими калони кафедраи забонҳои хориҷии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аз соли 2020 то ҳол ба ҳайси муаллими калони кафедраи забонҳои хориҷии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунад.

Диссертатсия дар кафедраи забонҳои хориҷии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – доктори илми филология, ректори Филиали Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур дар шаҳри Душанбе Мухторов Зайнидин Мухторович.

**Муқарризони расмӣ:**

1. **Шафоатов Азал Нусратович,** доктори илми филология, дотсент, мудири кафедраи забонҳои Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов;

2. **Туйғунов Носир Ҳақбердиевич,** номзади илмҳои филология, дотсенти кафедраи забонҳои романӣ-германии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон, дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби номзади илмҳои филология, дотсент, мудири кафедраи филологияи англисии Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон Турсунова Ф.Р., ва ташхисгар – номзади илми филологии кафедраи забони тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон, Амлоев А.Я., котиби илмии ҷаласа мудири утоқи кафедраи филологияи англисии факултети забонҳои хориҷии Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон, Исмоилова Л.О. имзо шуда, ба имзову муҳри ректори муассиса, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Файзулло М.Қ. тасдиқ гардидааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи номзадии Ғафорова Таҳмина Сатторовна дар мавзуи «Воситаҳои забонии тасвири бадеи дар забонҳои тоҷики ва англисӣ, (дар асоси “Ёддоштҳо”-и С. Айнӣ)» ба талаботи бандҳои 31-37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқарраироти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъйин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бар он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи забоншиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои

зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 8 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамояд.

**Феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ**

**1. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:**

[1-М]. Ғафорова, Т.С. Нигоҳе ба навъи ибораҳои тасвирии осори Садриддин Айнӣ ва тарҷумаи онҳо дар забони англисӣ / Т.С. Ғафорова // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – №2 (91). -С.75-78. ISSN 2219-5408.

[2-М]. Ғафорова, Т.С. Вижагиҳои воситаҳои забонии тасвири бадеӣ ва тарҷумаи онҳо дар забони англисӣ (аз рӯи осори С. Айнӣ) / Т.С. Ғафорова // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – №3 (92). -С.84-88. ISSN 2219-5408.

[3-М]. Ғафорова, Т.С. Вижагиҳои услубӣ-лексикии воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар осори Садриддин Айнӣ / Т.С. Ғафорова // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2022. – №1 (96). -С.79-83. ISSN 2219-5408.

[4-М]. Ғафорова, Т.С., Мухторов, З.М. Ҷойгоҳи воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар “Ёддоштҳо”-и Садриддин Айнӣ ва тарҷумаи онҳо / Т.С. Ғафорова, З.М. Мухторов // Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ). – Душанбе, 2022. – №3 (019). -С.229-234. ISSN 2076-2569.

[5-М]. Ғафорова, Т.С. Навъи воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар осори Садриддин Айнӣ ва тарҷумаи онҳо дар забони англисӣ / Т.С. Ғафорова // Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ). – Душанбе, 2022. – №4 (019). -С.270-274. ISSN 2076-2569.

[6-М]. Ғафорова, Т.С. Вижагиҳои услубӣ-лексикии воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар осори Садриддин Айнӣ / Т.С. Ғафорова // Паёми

Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – № 1-1 (107). -С.78-82. ISSN 266335534.

[7-М]. Ғафорова, Т.С. Воситаҳои забонии тасвири бадеӣ ва тарҷумаи онҳо дар забони англисӣ (аз рӯи осори Садриддин Айнӣ) / Т.С. Ғафорова // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – № 1-2 (110). -С.67-73. ISSN 266335534.

**2. Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои дигар чоп шудаанд:**

[8–М]. Ғафорова, Т.С. Саҳми Садриддин Айнӣ дар тасвири воҳидҳои забонии тасвири бадеӣ [Матн] / Т.С. Ғафорова // “Преспективы изучения и преподования иностранных языков в современном мире” (Сбориник научных докладов академической конференции) //Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. – Душанбе, 2023. – С. 89-93.

**Ба автореферати диссертатсия аз муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

1. **Маҳмудзода М.А.** - номзади илми филология, дотсенти кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи Донишгоҳи байналмиллалии забонҳои хориҷии ба номи С. Улуғзода. Дар тақриз роҷеъ ба мубрам будани мавзуъ, навгонӣ дар таҳқиқи илмии диссертант зикр гардида, ба автореферат ду эрод гирифта шудааст:

- дар овордани иқтибосҳо ягонагии меъёр ба назар намерасад. Хуб мешуд, ки иқтибосҳо дар як шакл навшта мешуданд.
- дар автореферати диссертатсия норасоиҳои имлоиву техникӣ ва услубӣ ба назар мерасанд.

2. **Парвоева Н.З.** – доктори фалсафа (Phd) аз руйи ихтисоси “Забоншиносӣ”, муаллими калони кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Тақриз дар маҷмуъ мусбат буда, чунин эродҳо оварда шудаанд:

- **Унвонҷӯй** дар муқаддима ба манбаъҳои гуногуни илмӣ ишора намояд ҳам, дар муҳтавои таҳқиқ аз он манбаъҳои арзишманд камтар истифода намудааст.
- Дар саҳифаҳои афтореферат, дар матни гунаҳои забони тоҷикӣ ва русии он ғалатҳои имлоӣ ва услубӣ ба назар мерасанд.

3. **Назарова М.Н.** - номзади илмҳои филология, муаллими калони кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавии факултети забонҳои

Осиё ва Аврупои Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон. Тақриз мусбат буда, ба автореферат ду эрод гирифта шудааст:

- Намунаи тоҷикии бештари воситаҳои забонии тасвири бадеӣ, аз қабили метафора, гипербола, антонимазия ва амсоли инҳо нишон дода нашудаанд. Хуб мешуд, ки муаллиф муодили пурра ё нопурраи онҳоро дар забони тоҷикӣ нишон медод.

- Дар автореферати диссертатсия норасоиҳои имлоиву техникӣ ва услубӣ ба назар мерасанд.

**4.Бобоева М.М.** – номзади илмҳои филология, муаллими калони кафедраи забонҳои Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ. Тақриз мусбат буда, чунин эродҳо пешниҳод гардидаанд:

- Ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ мушоҳида мегарданд.

- Забони рисола равону илмӣ бошад ҳам, гоҳо ҷумлаҳои носуфта ба назар мерасанд.

Муқарризон дар баробари муайян кардани баъзе эроду нуқсонҳои диссертатсия ва автореферати он (тоҷикӣ ва русӣ) аҳаммияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ ва навоварии кор, инчунин дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро таъкид карда, онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ сазовор донистанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд,** ки довталаби дараҷаи илмӣ зимни иҷро кардани таҳқиқи илмӣ чунин масъалаҳоро ҳаллу фасл намудааст:

- муайян намудани воситаҳои забонии тасвири бадеӣ бо мафҳум ва навъҳои мухталифи забонӣ;

- таҳлили воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар чаҳорчӯбаи

- “ тасвири забони бадеӣ”;

- таҳлили морфологӣ ва синтаксисии воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар осори С.Айнӣ;

- баррасӣ намудани воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар осори С. Айнӣ ва тарҷумаи он дар забони англисӣ;

- тавсиф намудани вижагиҳои воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар осори С. Айнӣ;

- муайян намудани бардошти адиб аз гӯишу лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ дар ифодаи тасвири бадеӣ ва тарҷумаи онҳо ба забони англисӣ ;

- таҳқиқи маҳорати тасвирофарӣ дар осори С.Айнӣ.

- таҳлили истифодабарӣ аз воситаҳои гуногуни луғавии забон дар тасвири бадеии осори С.Айнӣ.

**Асоси назариявии таҳқиқоти** мазкур асарҳои олимони ватанию хориҷӣ дар самти услубшиносӣ ва забоншиносӣ, бавижа В.В. Виноградов, Ю.М. Скребнев, Л.В. Шерба, И.Р. Галперин, В.Н. Тели, С.. Гайд, Ш.Балли, М.Н. Кожина, Г.Шоу, Ҷ.Дюбуа, Р.Барт, Д.Лакофф, М.Блэк, А.Гюберт, Н. Маъсумӣ, Б. Ниёзмуҳаммадов, М. Шукуров, Д. Тоҷиев, М. Қосимова, Х. Ҳусейнов, О. Қосимов, Б. Камолиддинов, П. Ҷамшедов, М. Саломов, С. Ҷоматов, Ш. Каримов, Ф. Баротзода, Ф. Турсунов, М. Мирзоева, М. Ҷӯраева ва дигарон мебошанд.

Маводи таҳқиқот 987 воҳиди луғавии баргирифта аз "Ёддоштҳо"-и Садриддин Айниро ҳамчун воситаҳои забонии тасвири бадеӣ ташкил дода, вижагиҳои гуногуни забониро таҷассум менамояд.

Дар кор методҳои умумиилмии мушоҳида, шарҳдиҳӣ, маҷмуъгардонӣ ва методҳои таҳлили семантикию услубӣ, методи таҳлили матни бадеӣ, таҳлили тафсири луғавӣ ва мисли инҳо мавриди истифода қарор гирифтааст.

**Аҳаммияти илмию назарии таҳқиқот.** Дар диссертатсияи мазкур арзиши илмию назарии он дар баррасии масъалаҳои илмию назарии қонуният ва истифодаи воситаҳои забонии тасвири бадеӣ, вижагиҳои забониву грамматикии онҳо, умумият ва фарқияти онҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, ҳамчунин, мушаххас намудани вижагиҳои тарҷумаи воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар забонҳои мавриди таҳқиқ дида мешавад. Ҷанбаи дигари муҳимми илмию назарии диссертатсияи мазкур дар такмили назария ва афкори илмии муҳаққиқони соҳа дар самти вижагиҳои типологии воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ баррасӣ гардидааст.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқоти** мазкур дар он аст, ки натиҷаҳои ин тадқиқотро дар корҳои таҳқиқу пажуҳиш ва раванди таълими фанҳои соҳавии макотиби олӣ дар курсҳои лексионӣ, семинарҳо дар самти услубшиносӣ ва забоншиносии муқоисавӣ, маъношиносӣ ва луғатшиносӣ истифода менамоянд. Ҳамчунин, барои пажуҳишгароне, ки оид ба масъалаҳои марбут ба воситаҳои ифодакунандаи матнҳои бадеӣ сарукор доранд, басо муфид аст. Аҳаммияти амалии таҳқиқот боз дар он дида мешавад, ки натиҷагириҳои рисола барои таҳқиқи минбаъдаи воситаҳои забонии тасвири бадеии осори Садриддин Айнӣ ва, инчунин дар амалия ва назарияи тарҷума ва муқоисаи он дар забони англисӣ навиштани китобу васоити таълимӣ ва мақолаҳои илмӣ муфид арзёбӣ мегардад.

**Ҳадафи рисола** таҳқиқ ва баррасии вижагии воситаҳои забонии тасвирии бадеӣ, қонунияти корбурди онҳо, ҳунари суханварии адиб, ифоданокии тасвир, услуби сухан, истифодабарӣ ва муҳиммияти онҳо бо назардошти муқоисаи онҳо бо муодилҳои тарҷумавӣ дар забони англисӣ, шинохт ва таснифи фарқият ва умумияти забонҳои мавриди таҳқиқ дар ин самт муаррифӣ мешавад. Воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар "Ёддоштҳо"-и Садриддин Айнӣ зимни таҳлилҳои забонӣ ба чанд навъ истеъмол шудаанд. Ба мисли маҷозҳо, гипотеза, тропҳо, эвфемизмҳо ва монанди инҳо. Ҳар кадоми онҳо дорои шакл ва хусусиятҳои хоси худ буда, дар асари бадеӣ ҳамчун вазифаи тасвирӣ ва маъноӣ иҷро карда, дар матн мазмуни навро дохил мекунанд. Ҳамчунин, дар тасвири ҳиссиёт, касбу кор, мавзеъҳо ва тасвири дигар ашёҳо воситаҳои забонии тасвири бадеӣ гунаҳои ғайриоддиро ба вуҷуд меоранд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Аз ҷониби муаллиф мавзуи нав, ки то ҳанӯз дар забоншиносии тоҷик матраҳ нашудааст, мавриди пажуҳиш қарор ёфтааст. Ҷадвали махсуси таҳиянамудаи таҳқиқотӣ дар охири диссертатсия ҳамчун замима оварда шудааст, ки ҷадвали мазкур воситаҳои забонии тасвири бадеиро аз рӯи "Ёддоштҳо"-и Садриддин Айнӣ ва тарҷумаи онҳо ба забони англисӣ фаро мегирад. Ин нишонаҳо назокату фасоҳати забонии осори бадеӣ, хусусан, Садриддин Айниро нишон медиҳанд.

Дар диссертатсия, ҳамчунин, тақсимбандӣ ва сохтори воситаҳои забонии тасвири бадеии осори Садриддин Айнӣ нишон дода шудааст ва ҳар гуна тасовири забонӣ муаррифӣ гардидааст, ки аз ҷумлаи навовариҳои илмии таҳқиқот ва саҳми шахсии муҳаққиқ шумурда мешаванд. Омилҳои мухталифи маъноӣ, услубӣ, сарфӣ, наҳвӣ ва воситаҳои забонии тасвири бадеии осори Садриддин Айнӣ, ки дар рисола таҳқиқ шудааст, аз дастовард ва навоварии илмии диссертант мебошад.

Воситаҳое, ки дар диссертатсия барои шинохти амиқи тасвири бадеӣ, махсусан дар "Ёддоштҳо"-и Садриддин Айнӣ ва муодилҳои тарҷумавии онҳо ба забони англисӣ тартиб дода шудаанд, аз ҷумлаи ибтикороти муаллифи диссертатсия мебошанд.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 18-уми декабри соли 2023 дар бораи сазовор донистани Ғафорова

Таҳмина Сатторовна ба дараҷаи илмии номзади илми филология қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 15 нафар, аз ҷумла 12 нафар доктортони илм ва 3 нафар номзадони илм аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ, 10.02.19. –Назарияи забон, 10.02.01. – Забони тоҷикӣ иштирок доштанд иштирок доштанд.

Дар овоздиҳӣ 13 нафар иштирок намуданд. Аз 13 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ овоз доданд: тарафдор 13 нафар, муқобил - нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест, “бюллетеҳои тақсимнашуда” – 2 адад.

Раиси шурои диссертатсионӣ
д.и.ф., профессор Ҷаматов С.С.

Котиби илмии шурои
диссертатсионӣ, н.и.ф., дотсент Каримова Д. Н.
18.12. 2023с.